**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба рисолаи Расулов Субҳон Пирмадович дар мавзӯи «Асосҳои методии ташаккули услуби тафаккури илмии хонандагон дар ҷараёни таълими химия (аз рӯи маводи муассисаҳои таълимии миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ 13.00.02 – назария ва методикаи таълиму тарбия (химия, сатҳи таълими умумӣ) (илмҳои педагогӣ)**

Бояд зикр кард, ки рисола ва автореферати он ба масъалаи ҷустуҷӯи роҳҳои ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар раванди татбиқи курси химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлил, таҳқиқ ва баррасии маводҳои мавҷудаи илмӣ, педагогӣ, психологӣ ва таҷрибаи пешқадами омӯзгорон рисоларо роҳандозӣ намуда фикру андешаҳои худро такя ба нишондодҳои таҳқиқот, мушоҳидаҳо ва суҳбатҳо мувофиқи мақсад, вазифаҳо ва фарзияву қазияҳо пешниҳод кардашуда арзёби намудааст, ки онҳо ба нақшаи кории рисола мувофиқат мекунанд.

Муҳиммияти мавзӯи тадқиқоти мазкур дар он аст, ки химия ҳамчун фанни таълимӣ имкониятҳои зиёде дорад, ки онҳоро барои азхуд намудани донишҳои муосири химиявӣ, рушди хотира ва тарзи илмии маърифат истифода бурдан мумкин аст. Рушди зеҳн ва хотираи хонандагон дар раванди таълими химия яке аз вазифаҳои асосии рушди фаъолияти таълимӣ-маънавӣ ва шахсияти хонандагон ба шумор меравад.

Муҳиммияти таҳқиқоти Расулов С.П. ҳамчунин имкониятҳои дидактикии ба курси химия мувофиқ набуда ва истифодаи сусти ин имкониятҳоро дар ташаккули услуби тафаккури илмӣ, коркарди нопурраи проблемаи мазкурро дар адабиёти педагогӣ, хусусан дар ҷумҳурии мо, зарурати ҷустуҷӯи роҳҳои истифодаи имкониятҳои дидактикии химияро дар раванди бартараф сохтани тарҳи шуури хонандагон ва рушди шахсияти эҷодии онро дар шароити муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ фаро мегирад.

Ҳамаи гуфтаҳои боло мубрамияти мавзӯи диссертатсионии интихобшударо асоснок карда, арзиши илмӣ ва моҳияти амалии онро тасдиқ менамоянд.

Мо метавонем арзишмандии рисолаи таҳқиқоти мазкурро ба таври зайл арзёбӣ намоем:

Муҳақиқ мақсади таҳқиқот, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот ва фарзияи таҳқиқотро дуруст муайян намуда, дар асоси онҳо вазифаҳои таҳқиқотро пешниҳод кардааст.

Асоси методологии таҳқиқотро қазияҳои асосгузорандаи фалсафа, педагогика, психология, инчунин санадҳои қонунгузории мақомоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсияҳое, ки ба азнавсозӣ ва муносибгардонии ҷараёни таълим ва тарбия равона шудаанд, ташкил доданд.

Навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявии таҳқиқот бо муайян намудани имкониятҳои дидактикии химия дар татбиқи технологияи ташаккули тафаккури илмӣ тибқи истифодаи категорияҳои фалсафӣ ва нишонаҳои фаъолияти эҷодии хонандагони мактабҳои ҳамагонӣ, зарурати ташаккули тафаккури илмии хонандагон аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардонида шуд.

Мазмуни автореферат ва маводҳои нашршуда ба мазмуни рисолаи таҳқиқотӣ мувофиқат менамояд.

Бояд зикр намуд, ки забон ва услуби баёни маводҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бо меъёри забони адабии тоҷикӣ ҷавобгӯ мебошад.

Кори таҳқиқотии мазкур аз мавқеи муҳимият, ҷиҳати масъалагузорӣ ва баррасию баёни андеша ниҳоят бою ғанӣ, фаҳмо, раво ва устокорона иҷро карда шудааст.

Рисолаи илмии Расулов Субҳон Пирмадович дар мавзӯи «Асосҳои методии ташаккули услуби тафаккури илмии хонандагон дар ҷараёни таълими химия (аз рӯи маводи муассисаи таълими миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ 13.00.02 – назария ва методикаи таълиму тарбия (химия, сатҳи

таълими умумӣ) (илмҳои педагогӣ) ба ҳимоя намудан тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ, доктори
илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи методикаи таълими
фанҳои табиатшиносӣ Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Холназаров Санг

**Суроға:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, к. Айни, 67
Тел.: (+992- 3222) 2-45-20, 2-22-53
e-mail: ktsu78 @mail.ru

Имзоро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳои
ДДҚ ба номи Носири Хусрав Амиршоев А.

15.04.2019 г.